# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 187 с.**

Абдуллоҳи Ансорӣ дар таърихи адабиёт аз зумраи чеҳраҳои саршиноси олами ирфону тасаввуф ба ҳисоб меравад. Сатҳи ҷаҳонбинӣ ва равишҳои маърифатии ӯ хеле васеъ буда, дар қолаби осори илмию адабӣ матраҳ гардидаанд, ки ҳар кадом ба таври алоҳида шоистаи омӯзишу таҳқиқанд. Бо ин ки тақрибан тамоми паҳлуҳои зиндагӣ ва фаъолияти ӯ сар аз замони зиндагӣ то имрӯз таҳқиқ шудаанд, аммо таҳқиқи масъалаҳои марбут ба алоқаи Ансорӣ ба шеъру шоирӣ ва ҳамчунин, масъалаҳои интисоби ашъори ӯ то кунун пажӯҳиши ҳаматарафа нашудааст. Осори боқимондаи Абдуллоҳи Ансорӣ барои таҳқиқи ҷанбаҳои маърифатӣ ва орову афкори адиб, ки дар қолаби каломи манзум ифода шудаанд, заминаи мусоидро фароҳам меоварад.

Абдуллоҳи Ансориро тақрибан тамоми муаллифони асримиёнагӣ илова бар орифу муфассир ва муҳаддису назарияпардоз будан, ҳамчунин аз зумраи шоирони давраи аввали рубоисаройӣ зикр кардаанд. Чунонки муаллифи диссертатсия қайд кардааст: «Сабаби асосии бетаваҷҷуҳии муҳаққиқонро ба чеҳраи шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ ба ду ҷиҳат метавон асоснок кард: а) шуҳрати ӯ ба василаи осори насрӣ, махсусан, насри мусаҷҷаъ ва кутуби назарии ӯ, ки то ҷое чеҳраи шоирии Ансориро паси парда бурда, б) парокандагии ашъор ва набудани девони алоҳида аз Абдуллоҳи Ансорӣ» [диссертатсия, с. 13-14]. Саҳми ӯ дар таърихи адабиёт бештар дар саҷъсароии ӯ намоён аст ва бисёре аз муҳаққиқони адабиёт ӯро асосгузори саҷъ дар адабиёти форсӣ медонанд. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ** комилан мувофиқат менамояд.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Искандари Ориф дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқи чеҳраи адабии Абдуллоҳи Ансорӣ ва ҳамчунин масъалаҳои интисоби ашъори ӯ дар адабиётшиносии тоҷик ва умуман адабиётшиносии ҳавзаи форсизабонон кори нахустин ва нав мебошад. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ дар зимни сабаби интихоби мавзуи мазкур чунин менависад: «Тақрибан тамоми паҳлуҳои зиндагии Абдуллоҳи Ансорӣ пажӯҳиш ва дар ин росто осори зиёде таълиф

шудааст, аммо масъалаи таҳқиқи шеър ва масъалаҳои алоқаманд ба он, аз ҷумла, асолати шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо, заминаҳои шоиронагии каломи адиб, вижагиҳои сабкию муҳтавоӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори шоир то кунун анҷом нашудааст. Дар ин замина мабоҳиси баррасишаванда хеле зиёданд, ки дар ин диссертатсия пас аз таъйини заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ ва баррасии масъалаи интисоби ашъор ба таҳқиқи хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ансорӣ пардохта шудааст» (диссертатсия, с. 4).

Ҳамон гуна ки дар боло қайд кардем, таваҷҷуҳ ба шарҳи зиндагӣ ва фаъолияти Ансорӣ аз замони зиндагияш шуруъ шудааст, аммо то ҳол ҳеҷ кори таҳқиқотӣ дар мавриди чеҳраи шоирӣ ва шеъри Ансорӣ сурат нагирифтааст. Танҳо се тан аз муҳаққиқонро метавон ном бурд, ки ҷиҳати ҷамъоварии баъзе аз ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ кӯшиш кардаанд: В.А.Жуковский, Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ ва Маҳмуди Мудаббирӣ.

Аз замони истиқлол ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз таҳқиқоте чанд дар бораи паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ва фаъолияти Абдуллоҳи Ансорӣ сурат гирифтааст. Муаллифи диссертатсия дар ин маврид менависад: «Расул Ҳодизода дар китоби «Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик» перомуни зиндагии Абдуллоҳи Ансорӣ сухан гуфта, намунаҳое аз ашъори ӯро меорад. Оид ба ҷанбаҳои гуногуни зиндагӣ ва фаъолияти Абдуллоҳи Ансорӣ дар ин муддат диссертатсияҳои номзадӣ навишта шудаанд, ки иборатанд аз: Очилова Меҳринисо Илҳомовна «Художественно-стиловые особенности «Табакот-ус-суфия» Ходжи Абдуллаха Ансори», Басири Комҷӯ «Философско-мистические взгляды Ходжи Абдуллы Ансари», Шарипова Муътабар Заҳибуллоева «Поэтика мистической прозы Ходжа Абдуллаха Ансари и его вклад в развитие суфийской таджикско-персидской литературе» [диссертатсия, с. 8]

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки муаллиф барои аввалин бор дар бораи хусусиятҳои жанрӣ ва асоситарин вижагиҳои мавзуии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ таҳқиқот гузаронидааст. Ҳамчунин, унвонҷӯ дар давоми чанд сол ба кори ҷамъоварии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва мураттаб сохтани онҳо машғул буда, оид ба муаррифии шахсияти адабӣ ва нақши Ансорӣ дар таърихи фарҳангу адаби тоҷикӣ таҳқиқот анҷом додааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ,

ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯзиши масъалаҳои монанд ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

**Маводи нашргардида** муҳимтарин нукот, хулосаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Искандари Ориф аз муқаддима, се боб, шаш фасл, нуҳ зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхатти адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳар боб вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, дақиқ нишон додани маъхазҳо, муҳокимарониҳои илмӣ ва хулосабарориҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ ва **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд**, ки воқеан, дар адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи осори адабии Абдуллоҳи Ансорӣ аҳаммияти хоссаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Масъалаҳои интисоби ашъор ва заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз ду фасл ва шаш зерфасл иборат аст. Фасли якум «Ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва масъалаи интисоби онҳо» унвон дошта, аз се зерфасл иборат аст.

Зерфаслҳои фасли якуми боби аввал «Шеърҳои Абдуллоҳи Ансорӣ дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ», «Осори насрии Ансорӣ ва ашъори мундариҷ дар онҳо» ва «Рубоиёти сайёр ва интисоби онҳо ба Ансорӣ» ном дорад.

Диссертант ба тартиб дар ин бахшҳо, аввал сарчашмаҳоро аз рӯйи зикри шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: а) сарчашмаҳое, ки дар онҳо аз шеър сурудани Абдуллоҳи Ансорӣ сухан меравад, вале намуна зикр намегардад. б) сарчашмаҳое, ки дар онҳо ҳам зикри шоирӣ рафта ва ҳам порчаҳои шеърӣ оварда шудаанд. Баъдан, назари тазкиранависонро перомуни маҳорати шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ ва миқдори абёти ӯ, мувофиқати ашъори дар сарчашмаҳо зикргардида бо ашъори дар хилоли осори мансури Абдуллоҳи Ансорӣ омадаро баррасӣ кардааст.

Дар зерфасли дуюм муаллиф асарҳои аз Абдуллоҳи Ансорӣ боқимондаро тавсиф намуда, баъдан осореро аз ин миён ҷудо кардааст, ки дар онҳо ашъори шоир дарҷ шудаанд. Диссертант ҳатто ашъори адибро дар ҳаҷми 989 байт муқаррар кардааст [диссертатсия, с. 53].

Дар зерфасли сеюм диссертант роҷеъ ба яке аз муҳимтарин мабоҳис дар шинохти шеъри Абдуллоҳи Ансорӣ, яъне «рубоиёти сайёр» дахл намуда, дар таъйини рубоиёти Ансорӣ чанд воситаеро низ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои сабкии шеъри шоир пешниҳод кардааст: «Чизе ки ба гунаи замима дар ин гуфтаҳо метавон овард, мухтассоти сабкии ҳар шоир аст. Масалан, истифодаи оёту аҳодис, асомии ашхоси динӣ ва низ вақоёи динӣ зиёдтар дар эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ дида мешавад. Аз ин рӯ, ҳамин нуктаро дар таъйини асолати ашъори мансуб ба Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ метавон аз меъёрҳои аслӣ қарор дод» [диссертатсия, с. 55].

Фасли дуюми боби аввал «Заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз се зерфасл – «Истеъдоди фитрӣ ва мутолиаи зиёд аз осори гузаштагон», «Таъсири хонавода ва муҳити фарҳангии замон» ва «Насри мусаҷҷаъ дар осори адиб» иборат аст.

Дар зерфасли аввал перомуни истеъдоди фитрӣ ва сифоти ғайриодии Абдуллоҳи Ансорӣ, ба монанди, қобилияти зеҳнии аз ҳад зиёди ӯ баҳс ба миён оварда мешавад. Муаллиф ба ин назар аст, ки истеъдоди фитрӣ ва мутолиаи зиёд аз заминаҳои муҳимтарин дар ташаккули ҷанбаи шоирии Абдуллоҳи Ансорӣ ба ҳисоб меравcovered.

Дар зерфасли дуюм муаллиф таъсири муҳити хонавода, махсусан сахтгириҳои падар ҷиҳати таълиму омӯзиши писар ва ҳамчунин, ширкат дар маҷлисҳои суфиёнро аз унсурҳои заминасоз дар шахсияти адабии Абдуллоҳи Ансорӣ донистааст. Диссертант дар мавриди падари Ансорӣ бо нақл аз «Нафаҳот»-и Ҷомӣ чунин меорад: «Ман ҳафтоду анд сол илм омӯхтаму навиштам ва ранҷ бурдам дар эътиқод. Аввали он ҳама аз падари худ омӯхтаам, лекин қуро буд, содиқу ба ҷуду муттақӣ ва бовараъ, ки касе он чунон натавонистӣ буд ва натавонистӣ варзид, ки вай» [диссертатсия, с. 69].

Дар зерфасли сеюм диссертант перомуни яке аз шоҳкориҳои Абдуллоҳи Ансорӣ, ки дар таърихи адабиёт ихтирои он ба номи ӯ сабт шудааст, яъне насри мусаҷҷаъ баҳс ба миён овардаст. Муаллифи рисола шеъргунаву мавзун будани насри ӯро дар пайравӣ аз шеваи Қуръон медонад ва менависад: «Ҳарчанд, ба гуфтаи Баҳор, асҷои Ансорӣ таронаҳои ҳаштҳиҷоии аҳди Сосониро мемонад, вале бояд зикр кард, ки саҷъи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ биттамом татаббуъ аз сабки нигориши Қуръон аст» [диссертатсия, с. 77].

Боби дуюми диссертатсия «Мундариҷаи ғоявии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз се фасл ва се зерфасл иборат аст. Фасли аввали боби дуюм «Ҳаҷми ашъор ва табақабандии онҳо ба анвои адабӣ» ва он аз се зерфасл – «Рубоӣ», «Ғазал» ва «Қитъа, муфрадот, маснавӣ ва мисроъ» иборат аст.

Дар зерфасли аввали фасли аввал диссертант дар бораи ҳаҷми умумӣ ва сохтори рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ баҳс кардааст. Чизи ҷолибе, ки дар ин баррасиҳо дида мешавад, истилоҳи «рубоии себайтӣ» мебошад, ки ҳатто унвонҷӯ намунае аз чунин рубоиётро аз эҷодиёти Ансорӣ мисол меорад.

Дар зерфсли дуюм, ки ба баррасии ғазалиёти шоир алоқаманд аст, баҳсҳо дар таъйини асолати ин ғазалиёт ва ҳатто хулосаи ба Ансорӣ тааллуқ надоштани ғазалиёти мазкур сурат мегирад. Муаллиф бо далоили қотеъ аз Абдуллоҳи Ансорӣ набудани ин ғазалиёт ва ё чи гунае ки худи ӯ мегӯяд «ба гунаи шадид тағйир» ёфтани онҳо баҳс ба миён меоварад.

Дар зерфасли сеюм диссертант ба таври иҷмол перомуни жанрҳои дигари осори манзуми Абдуллоҳи Ансорӣ ва теъдоду мухтассоти онҳо изҳори андеша менамояд.

Фасли дуюми боби дуюм «Мундариҷаи ғоявии ғазалиёт» ном дошта, тамоми ғазалиёти мансуб ба Абдуллоҳи Ансориро муаллиф дорои мазомини орифонаву қаландарона арзёбӣ намудааст. Ҳарчанд дар мансубияти ин ғазалиёт ба Ансорӣ шубҳаи зиёд вуҷуд дорад, вале муаллифи диссертатсия онҳоро дур аз аҳаммият намедонад: «... ғазалҳои мазкур бо ҳама камбуд ва дур будан аз салиқаи эҷодии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз аҳаммият холӣ нестанд, зеро онҳо низ дар радифи ҳамон гуна эҷоди бадеӣ дорои аҳаммиятанд, ки моҳияти маърифатию таблиғотӣ доранд» [диссертатсия, с. 111].

Фасли сеюми боби дуюм «Мазмун ва муҳтавои рубоиёт» ном дорад. Рубоӣ дар эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ жанри ғолиб буда, мақоми меҳварӣ дорад. Аз ин лиҳоз, баррасии мухтассоти ғоявии рубоиёти ӯ дар муайян намудани андешаву оро ва ҷаҳонбинии адиб нақши муҳим мебозад. Диссертант рубоиёти шоирро аз рӯйи мазмун ва муҳтаво ба рубоиёти ошиқонаву орифона ва рубоиёти муноҷотию мавъизавӣ ҷудо кардааст. Ҳамчунин, муҳимтарин мухтассоти рубоиёти Абдуллоҳи Ансориро дар

латофат, нармӣ, зарофат ва оҳанги тазарруъи қобили ташхис будани медонад.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои бадеии ашъори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Фасли аввали боби сеюм «Хусусиятҳои забон ва сабки баён» унвон дорад.

Дар ин бахш муаллиф кӯшидааст, то вижагиҳои забонии шеъри Ансориро маълум кунад ва чунин менависад: «Шеъри Абдуллоҳи Ансорӣ аз назари забон ҳамон мухтассоти сабки хуросониро доро мебошад, аммо аз назари фикрӣ ошиқонаву орифона аст» [диссертатсия, с. 126]. Дар ҷараёни баҳсҳо диссертант истифодаи калимаҳои арабӣ дар ин ашъорро низ меорад, ки то ҷое хосси сабки хуросонӣ нест, вале ӯ ин андешаро чунин хулоса мебарорад: «Ҳарчанд дар шеъри Ансорӣ таъсири луғоти арабӣ дида мешавад, аммо бояд инро ба назар гирифт, ки Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар даврае мезиста, ки кам-кам истифода аз луғоти арабӣ рӯ ба афзоиш меоварад ва ӯ низ таҳти таъсири ин ҷараён қарор мегирад. Вале луғоти арабӣ, ки ба кор мегирад, аз луғоти сода ва пуркорбурд аст, на луғоти душвор ва номаънус» [диссертатсия, с. 127].

Фасли дувуми боби сеюм «Авзони ашъор» ном дорад. Дар ин фасл тавсифи авзони ашъор сурат гирифта, муаллиф ба натиҷае мерасад, ки вазни ғолиб дар ғазалҳои Абдуллоҳи Ансорӣ ҳазаҷу музореъ, дар рубоиёт ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар (ҳудуди 63 рубоӣ) буда, ашъори дигар шоир дар баҳрҳои гуногун суруда шудаанд.

Фасли сеюми боби сеюм «Қофия ва радиф» унвон дошта, унвонҷӯ маълум кардааст, ки 30 ғазал (63,3%) ба қофияи муқайяд (яъне, бо ҳарфи равӣ ба охир расидаанд) ва 15 ғазал (33,3%) ба қофияи мутлақ (яъне, пас аз ҳарфи равӣ боз ҳарфҳои дигари қофия омадаанд), аксари рубоиёти Абдуллоҳи Ансорӣ ба тарзи қофиябандии аа ба (180 адад) ва 37 рубоии дигар ба тарзи қофиябандии аа аа мебошанд.

Фасли чоруми боби сеюм «Санъатҳои бадеӣ» ном дорад. Дар ин бахш муаллифи диссертатсия роҷеъ ба муҳимтарин ва асоситарин санъатҳое баҳс кардааст, ки ҳамчун санъатҳои сабксоз ё муайянкунандаи сабки шоир ёд шудаанд. Диссертант ба ин гурӯҳ санъатҳои бадеӣ нидо, талмеҳ, ташхис, истиора ва тазодро дохил кардааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Искандари Ориф фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 20 банд фароҳам омадааст. Дар охири ҳар банд истиноди зарурӣ ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти минбаъдаи муаллиф дар ҷодаи таҳқиқ зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Диссертант дар саҳифаи ҳафти рисола чунин менависад: «Баъдан, соли 1965 Бертелс китоби «Суфизм и суфийская литература»-ро чоп кард, ки дар он чанд маврид аз Ансорӣ зикр рафта ...». Китоби мазкур бахше аз «Осори мунтахаб»-и Евгений Эдуардович Бертелс буда, соли 1965 дар шаҳри Маскав чоп шудааст, аммо Е.Э. Бертелс нуҳ сол қабл аз санаи чопи китоб, яъне соли 1956 вафот кардаанд.

2. Овардани баъзе аз истилоҳоти адабӣ дар ду шакл. Масалан, калимаи «мисраъ» дар шакли «мисроъ» низ дида мешавад [диссертатсия, с. 96]. Ба назари мо, риояи навишти ягонаи истилоҳот ба манфиати кор мебуд.

3. Дар баъзе ҳолатҳо иқтибосоти овардаи диссертант мазмунан комил нестанд. Масалан, дар саҳифаи 97 иқтибоси зеринро меорад: «...гоҳе гӯяндагони дубайтӣ ва себайтӣ ин навъ матнҳоро як мисраъ зиёд менамоянд ё кам, ки дар ин ҳолат...». Чунин менамояд, ки дар иқтибоси овардашуда таъбири «ки дар ин ҳолат» барзиёд аст, зеро бо ҳазфи ибораи мазкур ҷумла мантиқан дуруст мешавад.

4. Муҳаққиқ зимни табақабандии ашъори шоир ба анвои адабӣ нахуст рубоӣ ва баъдан ғазалро овардааст. Аммо дар боби сеюм – зимни баррасии мухтассоти ғоявию бадеии ашъор аввал ғазал ва баъдан рубоиро овардааст. Хуб мебуд, дар мавриди дуюм низ пайдарҳамӣ мисли мавриди аввал мебуд.

5. Диссертатсия бо шеваи хуби илмӣ навишта шудааст, аммо дар баробари ин баъзе аз ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзоиши арзиши кор хоҳанд шуд (саҳ. 5, 17, 19, 20, 21, 65, 68, 69, 95, 99, 127).

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Искандари Ориф ҳусни бештар зам мекунанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** комилан мувофиқат менамояд.

**Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ** дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи номзадии Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию

бадеии онҳо» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Маҳмадалиева М.Р.
«10» январи соли 2025.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар,
кӯчаи Дӯстии халқҳо 44, ҳуҷраи 14.
Тел.: (+992) 000-99-20-27
E-mail: muhabbat-mr@mail.ru

Имзои Маҳмадалиева Муҳаббат
Раҳмоновнаро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.
«10» январи соли 2025.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3222) 2-45-20; (+992 3222) 2-22-53.
E-mail: ktsu78@mail.ru